- Агар кормандони политсия ҳуқуқҳои Шуморо поймол кунанд, аризаҳоро қабул накунанд, ухдадориҳои худро иҷро накунанд, пора талаб кунанд ё зӯроварӣро истифода баранд, Шумо метавонед барои ёрӣ ба телефонҳои 112 ва 02 ё ба «Хатти доғ»-и ВКД ФР: 8 (800) 222-74-47, "Телефони боварӣ"-и РШ ВКД дар шаҳри Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград муроҷиат кунед: 8 (812) 573-21-81
- Агар Шуморо ба Маркази боздоштгоҳи муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ ҷой доданд, кӯшиш кунед, ки зудтар ҳуҷҷатҳои худро барқарор намоед. Ҳатман бо консулгарии кишвари худатон ё ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои ёрии ройгони ҳуқуқӣ муроҷиат намоед. Ба Шумо метавонад Комиссияи назорати ҷамъиятӣ (Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) мадад расонад.

### Гирифтани ёрии иҷтимоӣ ва тиббӣ

- Барои гирифтани ёрии таъҷилии тиббӣ аз телефони мобилӣ ба рақамҳои 103 ё 112 занг занел. Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатиатон ба Шумо ҳатман бояд ёрии таъҷилии тиббӣ расонанд, ҳатто Шумо полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат надошта бошед ҳам!
- Агар барои гирифтани ёрии тиббӣ ба мушкилот дучор шудед, Шумо метавонед ба "Хатти доғ"-и Вазорати тандурустӣ: 8 (800) 200-03-89, "Хатти доғ"-и Комитети тандурустии Санкт-Петербург: 8 (812) 63-555-77 муроҷиат кунед.
- Дастгирии иҷтимоиро метавонанд шаҳрвандони хориҷие, ки иҷозати истиқомат доранд, шахсони бешаҳрвандӣ, гурезаҳо, ки дар ҳудуди ФР доимӣ истиқомат мекунанд, гиранд. Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ ба мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат кунед.

### Таҳсили бачаҳо

- Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки бепул ба кӯдакистонҳои давлатӣ ва мактаби давлатӣ раванд ва таҳсил кунанд. Волидони бачаи синни мактабӣ мутобиқи қонун ухдадоранд, ки ӯро ба мактаб супоранд.
- Барои қабул шудан ба кӯдакистон бояд ба маркази бисёрҷабҳаи (МФЦ)-и ҷои сабти муҳоҷират (регистратсия) муроҷиат кард. Барои қабул шудан ба мактаб ба шуъбаи маорифи ноҳия ё мактаби ноҳияи худ муроҷиат кунед.
- Агар дар мактаб ба Шумо ҷавоби рад доданд, ба шуъбаи маорифи ноҳия муроҷиат кунед, он ҷо вазифадоранд, ки дар яке аз мактабҳо барои бачаи Шумо ҷой пайдо кунанд.
- Агар бача забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус бо душворӣ муошират намояд, Шумо метавонед барои ёрӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед.

### Меъёрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

- Барои бо муҳити Россия мутобиқ шудан ба Шумо тавсия медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯстон пайдо кунед, дар ҷашнҳо иштирок кунед, ба кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед, забони русиро беҳтар омӯзед.
- Сатҳи дониши забони русиятонро бо ёрии сайтҳо ва замимаҳои масалан: «Россия для всех» (тоҷикӣ), TORFL GO, pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском» баланд бардоред. Барои тайёрӣ ба санҷиши тестӣ ин сайтҳоро истифода бурдан мумкин аст: testcons.ru , testmigr.rudn.ru
- Чорабиниҳоро оид ба мавзӯҳои байналмиллӣ Комитети муносибатҳои байнимиллӣ ва татбиқи сиёсати муҳоҷирати Санкт-Петербург, Хонаи миллатҳои Санкт-Петербург, ташкилотҳои ҷамъиятӣ баргузор мекунанд. Ба Шумо маслиҳат медиҳем, ки дар ин чорабиниҳо иштирок кунед, то ки ба Санкт-Петербург беҳтар мутобиқ шавед, дар бораи фарҳанг ва анъанаҳои шаҳри мо маълумот гиред ва дӯстони нав пайдо кунед.

## ХАЗИНАҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**migrussia.ru** - «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал»: машваратҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, мутобиқшавӣ ва гирифтани ёрии ройгон, робитаҳои муфид.

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru** – Хазинаи интернетӣ барои муҳоҷирони Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге.

**spbdn.ru** – СПб ГКУ «Санкт-Петербургский Дом национальностей».

## ЁРИИ РОЙГОНИ ҲУҚУҚӢ

**БФ «ПСП-фонд»**

Сайт барои машварат: 8 (953) 141-31-09

www.psp-f.org, vk.com/pspfond

Авторы-составители: Хлызова Д.В., Якимов А.Н.

Редактор: Панич Б.Л.

*Буклет «Добро пожаловать в Санкт-Петербург! Советы трудовым мигрантам» (на таджикском языке)*

*Разработан БФ «ПСП-фонд» на средства субсидии, предоставленной Комитетом по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге на реализацию проекта «Информационная и консультационная поддержка социокультурной адаптации мигрантов в Санкт-Петербурге»*

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

БФ «ПСП-ФОНД»

# Хуш омадед ба Санкт-Петербург!

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ




Санкт-Петербург
2020

**Дӯстони азиз!**

Агар Шумо барои кор кардан ба Россия омадед, бисёр муҳим аст, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро донед. Дар ин китобча мо кӯшиш мекунем, ки ба Шумо маслиҳатҳои муфид диҳем ва дар бораи баъзе қоидаҳои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо, ҷойи кор ва истиқомат дар Россия маълумот диҳем. Ба Шумо барор мехоҳем!

## АГАР ШУМО БА РОССИЯ ОМАДЕД, ЧӢ БОЯД КАРД?

### ҚАДАМИ 1. Гирифтани полиси тиббӣ

**ПОЛИСИ СУҒУРТАИ ТИББӢро** ба расмият дароред (онро дар ватан ё рӯзи воридшавӣ ба Россия дар ҳар кадом ташкилоти суғурта, дар фурудгоҳ, вокзал, дар шуъбаҳои Почтаи Россия гирифтан мумкин аст).

### ҚАДАМИ 2. Аз сабти баҳисобгирии муҳоҷират гузаштан

Дар муддати 7 рӯз дар он суроғае, ки Шумо истиқомат хоҳед кард, дар **БАҲИСОБГИРИИ МУҲОҶИРАТ сабти ном (РЕГИСТРАТСИЯ)** кунед (барои шаҳрвандони Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон - 30 рӯз; шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз). Барои ин ба шуъбаи минтақавии Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД Россия (Управления по вопросам миграции МВД России), ба МБ (МФЦ) ё Почтаи Россия (Почта России) муроҷиат кунед. Шуморо бояд оне, ки ба Шумо манзил медиҳад, сабти ном кунад.

### ҚАДАМИ 3. Гирифтани патенти кор

Барои донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории Россия дар марказҳои махсуси тестӣ **АЗ САНҶИШ ГУЗАРЕД** ва дар муассисаи тиббии минтақае, ки он ҷо кор хоҳед кард, **ШАҲОДАТНОМАИ ТИББӢ** гиред. Дар муддати 30 рӯзи баъди ворид шудан бояд **ПАТЕНТ** барои кор гиред (агар Шумо шаҳрванди Арманистон, Беларус, Қазоқистон ё Қирғизистон бошед, ба шумо аз санҷиши тестӣ, муоинаи тиббӣ ва гирифтани патент шарт нест).

### ҚАДАМИ 4. Ба кор даромадан

Корфармо ёбед ва бо он **ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ** бандед. Баъди гузаштани 2 моҳи гирифтани патент нусхаи шартномаи меҳнатиро бо мактуби фармоишии огоҳидор ба РММ РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград фиристед ё шахсан худатон баред, вагарна патенти Шуморо беэътибор ҳисоб карда метавонанд.

### ҚАДАМИ 5. Пардохти маблағи патент ва дароз кардани муҳлати регистратсия

Маблағи патентро сари вақт пардохт кунед ва расидҳо – чекҳоро нигоҳ доред. Мунтазам муҳлати амали сабти муҳоҷират (регистратсия)-ро мувофиқ бо муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ (барои шаҳрвандони кишварҳои ЕАЭС (ИИАО)) ё патенти пардохтшуда дароз кунед.

**МУҲИМ АСТ! Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро худатон дар муассисаҳои махсуси давлатӣ ба расмият дароред, барои ёрӣ ба шиносҳо: ҳамшаҳриён, саркорон, миёнравҳо муроҷиат накунед – онҳо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд, охир барои ин кор шуморо ё ҷарима мебанданд ё аз Россия меронанд!**

## МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД

### Маслиҳатҳои умумӣ

- Суроғаҳои иртиботии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиеро, ки ба муҳоҷирон ёрӣ мерасонанд, донистан даркор аст.
- Билет ё талонеро, ки бо онҳо ба Россия омадаед, нигоҳ доред.
- Шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патенти кор бо чекҳои пардохт, полиси амалкунандаи тиббиро доим бо худ гиред.
- Ҳамаи саҳифаҳои шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патент, полиси тиббӣ, шартномаи меҳнатиро нусхабардорӣ кунед.

### Бақайдгирии муҳоҷират ва гирифтани патент

- Муҳим аст, ки дар ҷои истиқомати воқеии худ сабти муҳоҷират кунед, вагарна Шуморо ҷарима баста метавонанд.
- Патент танҳо дар маркази махсуси муҳоҷират ба расмият дароварда мешавад ва танҳо дар ҳамон минтақаи ФР амал мекунад, ки онро додааст.
- Дар бораи тайёр шудан ва ҳақиқӣ будани патент аз ин сайт маълумот гирифта метавонед https://мвд.рф/сервисы-гувм.
- Пардохти маблағи патент на дертар аз 1 рӯзи то анҷомрасии муҳлати пардохтшудаи он сурат мегирад. Маблағи патентии корро ба муҳлати 12 моҳи баъди гирифтани он пешакӣ пардохтан мумкин аст.

### Даромадан ба кор

- Танҳо дар асоси шартномаи расмии хаттӣ бо маблағи пурраи нишондода кор кунед, вагарна шуморо метавонанд фиреб диҳанд.
- Барои ҷустуҷӯи кор сайтҳои расмиро истифода баред, масалан: trudvsem.ru
- Ба миёнравҳо муроҷиат накунед – онҳо метавонанд шуморо ҳамчун қувваи кории бепул истифода баранд.
- Ба ёд доред, ки танҳо бо ҳамон ихтисос ва дар ҳамон минтақае, ки дар патент нишон дода шудааст, кор кардан мумкин аст.
- Муҳим аст, ки ном ва суроғаи ташкилотеро, ки дар он кор мекунед, инчунин вазифа, ному насаб ва телефони роҳбаратонро донед.
- Пулҳоро фақат ба воситаи корти махсуси бонкии ба номатон буда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзо ва варақаи ҳисобӣ гиред.
- Агар ҷои кор аз шумо қарздор бошад, ҳатман забонхат талаб кунед.
- Ҳамаи чизеро, ки имзо мекунед, бо диққат хонед, нусхаи онҳоро талаб кунед. Агар бо он чизе, ки ба имзо пешниҳод мекунанд, розӣ набошед, шумо метавонед аз имзо даст кашед.
- Ҳуҷҷатҳои худро барои нигоҳдорӣ ба ҳеҷ кас надиҳед: ҳеҷ кас онҳоро ба ғайри шумо нигоҳ дошта наметавонад, ҳеҷ кас озодии равуои шуморо маҳдуд карда, телефони шуморо кашида гирифта наметавонад. Кашида гирифтани шиноснома ва маҳдуд кардани озодӣ ҷиноят аст: дар ин ҳолатҳо ба политсия муроҷиат кунед.
- Ҷойи кори Шумо бояд бехатар бошад, Шумо ӯҳдадор нестед, ки рӯзе аз 8 соат ва ҳафтае беш аз 40 соат кор кунед, андозаи музди кори Шумо ҳангоми машғулияти пурра набояд камтар аз ҳадди ақалли маош (МРОТ) бошад (дар Санкт-Петербург соли 2020 ин рақам 19 000 рубл буд).
- Агар маошро беш аз 15 рӯз дертар диҳанд, Шумо ҳуқуқ доред мутобиқи қисми 2 моддаи 142 КМ ФР ба корфармо оид ба қатъ кардани кор вобаста ба напардохтани маош ариза пешниҳод кунед.

### Ҳамкорӣ бо политсия

- Агар Шумо шоҳид ё қурбонии ҷиноят гардидед, ба политсия муроҷиат намоед: шахсан ё бо рақамҳои 02 аз телефонҳои хонагӣ, 102 ё 112 – аз телефонҳои мобилӣ,сайт - www.мвд.рф
- Агар кормандони политсия аз Шумо хоҳиш кунанд, ки барои тафтиши ҳуҷҷатҳо мувофиқи хазинаи маълумот ҳамроҳашон ба наздиктарин нуқтаи политсия равед, маслиҳат медиҳем, ки ба хешон ё дӯстонатон занг занед ва хабар диҳед, ки Шумо дар куҷо ҳастед ва бо кӣ суҳбат доред. Муҳим аст, ки ягон кас аз ҳоли Шумо бохабар бошад.
- Кормандони политсия ҳангоми тафтиши ҳуҷҷатҳо бояд дар иҷрои вазифаи хизматӣ бо либоси полисӣ ва нишони сарисинагӣ (жетон) дошта бошанд – рақами онро ба ёд гиред ё нависед, инчунин талаб кунед, ки ҳуҷҷати хизматиро ба Шумо барои шиносоӣ нишон диҳанд.
- Ба ёд гиред: додани пора ҷиноят аст. Ба кормандони политсия пора надиҳед!
- Агар Шуморо боздошт кардаанд, Шумо ба гуфтугӯи телефонӣ ҳақ доред, метавонед ҳимоятгар ва агар забони русиро нағз надонед, тарҷумонро талаб кунед. Ҳатман талаб кунед, ки ба Шумо нусхаҳои протоколҳои боздошт ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро диҳанд. Агар бо муҳтавои протоколҳо розӣ набошед, нависед: «С протоколом не согласен/не согласна» (Ба протокол розӣ нестам) ва сабабашро нависед. Агар матни протоколро нафаҳмед, нависед, ки «Текст на русском не понимаю» (Матни русиро намефаҳмам).
- Агар Шуморо ғайриқонунӣ боздошт карданд ва ё ғайриқонунӣ дар идораи политсия нигоҳ медоранд, ба Комиссияи назорати ҷамъиятӣ - Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) (onkspb.ru, mail@onkspb.ru, 8 (931) 352-06-35) муроҷиат кунед. То қарори суд Шуморо метавонанд на зиёда аз 48 соат нигоҳ доранд. Кормандони политсия ҳақ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонати пардохти ҷарима ё дигар пардохтҳо гиранд – ин ғайриқонунӣ аст! Ҷарима танҳо бо қарори суд ё сардори шуъбаи масъалаҳои муҳоҷират баста мешавад. Ҳатман дар муҳокимаи парвандаатон дар суд иштирок кунед ва нусхаи қарори онро гиред, Шумо метавонед аз болои қарор дар муҳлати 10 рӯз шикоят кунед, ё ба муҳлати то 30 рӯз ҷаримаро супоред.